# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**734025, ш. Душанбе, к. Шевченко, 69, тел. ( 3772 ) 21-18-35, факс ( 3772 ) 21-75-25**

## ФАРМОИШ

аз « 15 »_августи_соли 2022 № 599_____ ш. Душанбе

Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда пардохт шудааст

190.010.000

Мутобиқи қисми 5 моддаи 288 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:

1. Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда пардохт шудааст, тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).
2. Роҳбарони муассисаҳои табобатию профилактикӣ, дорухонаҳо ва корхонаҳои фарматсевтӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ амалигардонии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
4. Фармоиши вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 2006, №507 «Дар бораи меъёрҳои истеъмоли спирти этилӣ, андози аксиз, ки бояд баргардонида ё ба ҳисоб гирифта шавад», ки дар Вазорати адлия 18 сентябри соли 2006, №230 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир гузошта шавад.

Вазир Ҷамолиддин Абдуллозода

Бо фармоиши вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________Ҷамолиддин Абдуллозода
аз « 15 » августи соли 2022, № 599
тасдиқ шудааст.

Мувофиқа шуд:

Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________Файзиддин Қаххорзода

аз « 15 » августи соли 2022

Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
______ Нусратулло Давлатзода

аз « 15 » августи соли 2022

Замима
бо фармоиши вазири тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 15 » августи соли 2022, № 599
тасдиқ гардидааст

## Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда пардохт шудааст

1. Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда пардохт шудааст (минбаъд-Тартиб) дар асоси қисми 5 моддаи 288 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, мақсади он ба танзим даровардани андози аксиз ҳангоми истифодаи спирти этилӣ бо мақсади тиббӣ мебошад.

2. Барои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ, инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда пардохт шудааст, меъёри масрафи спирти этилӣ дар муассисаҳои тандурустӣ ва дорухонаҳо, ки дар замимаи 1 Тартиби мазкур оварда шудааст ва меъёри масрафи спирти этилӣ (ректификат) барои истеҳсоли воситаҳои доруворие, ки дар корхонаҳои дорубарорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд, ки дар замимаи 2 Тартиби мазкур оварда шудааст, истифода бурда мешавад.

3. Андози аксиз ба андозсупорандае, ки амалиётҳои он бо истифодабарии спирти этилӣ бо мақсади тиббӣ алоқаманд мебошад, тибқи Тартиби мазкур баргардонида мешавад.

4. Ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағи андози аксизӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 117 ва 118 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад.

5. Андозсупоранда барои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағи андози аксизӣ ҳуҷҷатҳои зеринро ба мақомоти андози маҳаллӣ пешниҳод менамояд:

- нусхаи шартнома (қарордоди)-и таҳвили дорувории истеҳсолшуда;
- нусхаи ҳисобнома-фактура, ки пардохти андози аксизиро ҳангоми харидории молҳои зераксизӣ (ашёи хом) барои мақсадҳои тиббӣ ва истеҳсоли доруворӣ пешбинӣ менамояд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти андози аксиз аз ҷониби соҳиби молҳои  (ашёи хом) зераксизии барои коркард додашуда;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воридоти ашёи хом.

6. Ҳуҷҷатҳои дар банди 5 Тартиби мазкур дарҷгардида барои тасдиқи асоснокии баргардонидан (баҳисобгирӣ)-и андози аксизӣ аз ҷониби шахсоне, ки дар банди 3 ҳамин Тартиб зикр шуда, баргардонидани андозро талаб менамоянд, пешниҳод карда мешаванд.

7. Мақомоти андози маҳаллӣ асоснокии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида оид ба баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағи андози аксизиро баррасӣ карда, аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда хабар дода, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 15 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи аз ҷониби муроҷиаткунанда пешниҳод гардидани дархост оид ба баргардонидани андози аксизӣ хулоса пешниҳод менамояд.

8. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи пешниҳоднамудаи мақомоти андози маҳаллиро вобаста ба меъёрҳои ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағи андози аксизӣ баррасӣ намуда, дар ҳолати мутобиқат намудан ба талаботи Тартиби мазкур онро дар давоми 15 рӯзи тақвимӣ ба муроҷиаткунанда (муасиссаҳои тиббӣ, дорухонаҳо ва корхонаҳои фарматсевтӣ) бармегардонад.

Замимаи 1
Ба Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб
гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки
барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои
тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ,
инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ
барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда
пардохт шудааст

Меъёри
масрафи спирти этилӣ дар
муассисаҳои тандурустӣ ва дорухонаҳо

| № | Номгӯйи муассисаҳо | Ҳисоботи нишондодҳо | бо грам |
|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаҳои беморхонагӣ | Барои 1 натиҷаи табобаткардашуда | 400 |
| 2 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ | Ба 1 истиқоматкунандаи вобастакардашуда дар як сол | 50 |
| 3 | Муассисаҳои дорухонагӣ | Дар 1000 дорухати экстемпоралӣ | 2800 |

Замимаи 2
Ба Тартиб ва меъёрҳои ба ҳисоб
гирифтан ё баргардонидани андози аксизе, ки
барои спирти этилӣ аз ҷониби муассисаҳои
тиббӣ ва дорухонаҳо бо мақсади тиббӣ,
инчунин аз тарафи корхонаҳои фарматсевтӣ
барои истеҳсоли доруворӣ истифодашаванда
пардохт шудааст

Меъёри
масрафи спирти этилӣ (ректификат) барои истеҳсоли воситаҳои дорувории, ки дар корхонаҳои дорубарорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд

| №т | **Номгӯйи маводи дорувории истеҳсолшаванда** | **Масрафи спирти этилӣ дар як воҳиди дорувории истеҳсолшаванда** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Таркиби спирти** 100% | **Таркиби спирти** 70% | **Таркиби спирти** 95% |
| | | кг | кг | кг |
| 1. | Кислотаи борид, маҳлули спирти 1% ва 3%, 10 мл ВФС 42 Tj-00 18-04 | 0,007 | 0,008854 | |
| 2. | Кислотаи борид, маҳлули спирти 1% ва 3%, 25 мл ВФС 42 Tj-00 18-04 | 0,0175 | 0,022135 | |
| 3. | Кислотаи борид, маҳлули спирти 1% ва 3%, 40 мл ВФС 42 Tj-00 18-04 | 0,028 | 0,035416 | |
| 4. | Кислотаи борид, маҳлули спирти 1% ва 3%, 50 мл ВФС 42 Tj-00 18-04 | 0,035 | 0,04427 | |
| 5. | Бриллианти кабуд, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ), 1% ва 2%, 10 мл ВФС 42 Tj-0015-04 | 0,00532 | | 0,0056 |
| 6. | Бриллианти кабуд, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ), 1% ва 2%, 25 мл ВФС 42 Tj-0015-04 | 0,0133 | | 0,014 |
| 7. | Камфора, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 2 % ва 10 %, 40 мл ВФС 42 Tj-0019-04 | 0,0252427 | 0,035416 | |
| 8. | Левомитсетин, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 1 % 10 мл ФС 42-937-79 | 0,007 | 0,008854 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Левомитсетин, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 1 % 25 мл ФС 42-937-79 | 0,0175 | 0,022135 | |
| 10. | Левомитсетин, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 3 % 10 мл ФС 42-937-79 | 0,007 | 0,008854 | |
| 11. | Левомитсетин, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 3 % 25 мл ФС 42-937-79 | 0,0219697 | 0,022135 | |
| 12. | Меновазин, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 40 мл ВФС 42 Tj-0021-04 | 0,0354758 | 0,04 | |
| 13. | Тинктураҳо аз гиёҳҳо дар спирти 70 % 50 мл | 0,035 | 0,05 | 0,0454056 |
| 14. | Тинктураҳо аз гиёҳҳо дар спирти 70 % 40 мл | 0,028 | 0,04 | 0,03632448 |
| 15. | Тинктураҳо аз гиёҳҳо дар спирти 45 % 50 мл | 0,0225 | 0,03214286 | 0,02918932 |
| 16. | Тинктураҳо аз гиёҳҳо дар спирти 45 % 40 мл | 0,018 | 0,02571429 | 0,02335145 |
| 17. | Тинктураи решаи валериана (Valerianae tinctura) 50 мл | 0,0225 | 0,02845929 | 0,023684211 |
| 18. | Тинктураи решаи сунбула (Valerianae tinctura) 40 мл | 0,018 | 0,02276743 | 0,018947368 |
| 19. | Тинктураи озариён (гули ҳамешабаҳор) 50 мл, ГФ X, ст. 684 ФС 42/194/37 | 0,035 | 0,05 | 0,0454056 |
| 20. | Тинктураи озариён (гули ҳамешабаҳор) 40 мл, ГФ X, ст. 684 ФС 42/194/37 | 0,028 | 0,04 | 0,03632448 |
| 21. | Тинктураи газнаи сагак 50 мл, ГФ X, ст. 684 ФС 42/194/37 | 0,035 | 0,05 | 0,0454056 |
| 22. | Тинктураи газнаи сагак 40 мл, ГФ X, ст. 684 ФС 42/194/37 | 0,028 | 0,04 | 0,03632448 |
| 23. | Кислотаи салитсилат, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 2% по 25 мл ВФС Tj-0017-04 | 0,0175 | 0,013281 | |
| 24. | Кислотаи салитсилат, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 2% по 40 мл ВФС Tj-0017-04 | 0,028 | 0,026562 | |
| 25. | Эксиракти моеъи зарринбех (Rhodiolae extract fluid), 50 мл<br>Родиолы экстракт жидкий (Rhodiolae extract fluid) 50 мл | 0,0225 | 0,03214286 | 0,02918932 |
| 26. | Эксиракти моеъи зарринбех (Rhodiolae extract fluid), 40 мл | 0,018 | 0,02571429 | 0,02335145 |
| 27. | Экстракт аз гиёҳҳо дар спирти 70 % 50 мл | 0,035 | 0,05 | 0,0454056 |
| 28. | Экстракт аз гиёҳҳо дар спирти 70%, 40 мл | 0,028 | 0,04 | 0,03632448 |
| 29. | Экстракт аз гиёҳҳо дар спирти 45%, 50 мл | 0,0225 | 0,03214286 | 0,02918932 |
| 30. | Экстракт аз гиёҳҳо дар спирти 45%, 40 мл | 0,018 | 0,02571429 | 0,02335145 |
| 31. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 95 %, 100 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ X, ст. 631 | 0,095 | | 0,1 |
| 32. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 95 %, 50 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ X, ст. 631 | 0,0475 | | 0,05 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 33. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 95 %, 250 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,02375 | | 0,025 |
| 34. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 90 %, 100 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,09 | | 0,094736842 |
| 35. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 90 %, 50 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,045 | | 0,047368421 |
| 36. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 90 %, 25 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,0225 | | 0,023684211 |
| 37. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 70 %, 100 мл, ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,07 | 0,1 | 0,073684211 |
| 38. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 70 %, 50 мл, ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,035 | 0,05 | 0,0454056 |
| 39. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 70 %, 25 мл, ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,0175 | 0,025 | 0,0227028 |
| 40. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 40 %, 100 мл, ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,04 | 0,05714286 | 0,05189212 |
| 41. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 40 %, 50 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,02 | 0,02857143 | 0,02594606 |
| 42. | Маҳлули тиббии антисептикӣ 40 %, 50 мл ГОСТ 59-62-67 ГФ Х, ст. 631 | 0,01 | 0,01428571 | 0,01297303 |
| 43. | Йод + [калия йодид + этанол] маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 5 % 25 мл | 0,02375 | | 0,03081094 |
| 44. | Йод + [калия йодид + этанол] маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 5 % 15 мл | 0,01425 | | 0,01848657 |
| 45. | Йод + [калия йодид + этанол] маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 5 % 10 мл | 0,0095 | | 0,01232438 |
| 46. | Сиропи Пертуссин 100 г | 0,003857 | | 0,00406 |
| 47. | Сиропи Пертуссин 125 г | 0,0048213 | | 0,005075 |
| 48. | Сиропи решаи ширинбия (Glycyrri hizaeradicis syrup) 50 г | 0,0117082 | | 0,01 |
| 49. | Сиропи решаи ширинбия (Glycyrri hizaeradicis syrup) 100 г | 0,0058541 | | 0,005 |
| 50. | Корвалол, қатраҳо барои қабули дохилӣ, 25 мл | 0,0187625 | | 0,01975 |
| 51. | Кислотаи мурча, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 1,4%, 100 мл | 0,0611103 | 0,08730044 | |
| 52. | Кислотаи мурча, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 1.4%, 50 мл | 0,0305552 | 0,04365022 | |
| 53. | Кислотаи мурча, маҳлул барои истифодаи берунӣ (спиртӣ) 1.4%, 25 мл | 0,0152776 | 0,02182511 | |
| 54. | Хлоргексидин+фуратсилин+спирти этилӣ, маҳлул барои истифодаи берунӣ 200 мл | 0,030989 | 0,04427 | |
| 55. | Хлоргексидин+фуратсилин+спирти этилӣ, маҳлул барои истифодаи берунӣ 150 мл | 0,0154945 | 0,022135 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 56. | Хлоргексидин+фуратсилин+спирти этилӣ, маҳлул барои истифодаи берунӣ 100 мл | 0,0232418 | 0,0332025 | |
| 57. | Хлоргексидин+фуратсилин+спирти этилӣ, маҳлул барои истифодаи берунӣ 50 мл | 0,0077473 | 0,0110675 | |
| 58. | Хлоргексидин+фуратсилин+спирти этилӣ, маҳлул барои истифодаи берунӣ 25 мл | 0,0038736 | 0,00553375 | |
| 59. | Эргокалтсиферол, қатраҳо барои қабули дохилӣ, 10 мл | 0,004 | 0,00505943 | 0,00421052 6 |